# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти даачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28.08.2025, №_9

Барои сазовор донистани Элчибекзода Баҳригул Идибек ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

Диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар мавзуи “Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ” аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа 12 июни соли 2025 ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №11 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст.

Довталаб Элчибекзода Баҳригул Идибек, соли таваллудаш 09.04.1991, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2008 ба факултети фалсафаи ДДМТ (ҳоло ДМТ) дохил шуда, соли 2013-ум Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси файласуф (муаллим) хатм намудааст. Аз соли 2019 то 2024 унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур мебошад. Мавзуи рисолаи илмии Элчибекзода Баҳригул Идибек дар шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур, таҳти №13 аз 03.17.2019 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Элчибекзода Баҳригул Идибек аз соли 2013 то соли 2024 ба ҳайси

омӯзгори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур фаъолият намуда, айни замон дар Маркази антропологияи назди АМИТ кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур иҷро гардида, дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии донишгоҳи мазкур (10.09.2024, с/м. №1) муҳокима шудааст.

**Роҳбари илмии довталаб**:

Зиёев Идибек Ғозиевич -доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳимов Муҳсин Хусейнович** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ;

**Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович** – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз номзади илмҳои фаслафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ Бердиев Ш.П. имзо шудааст, қайд шудаст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад. Интихоби муақарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯи ихтисоси таърихи фалсафа буда, ба самти ихтисоси диссертатсияи диссертант мутобиқат менамоянд.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Элчибекова, Б.И. Гедонизм дар таълимоти Фахриддини Розӣ [Матн] / Б.И. Элчибекова // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. №1. -Душанбе, 2021.- С.186-189. ISSN 0235-005X;
2. Зиёев, И.Ғ., Элчибекова, Б.И. Андешаҳои Фахриддини Розӣ дар бораи инсон [Матн] / И.Ғ. Зиёев., Б.И. Элчибекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. № 1.- С.131-138. ISSN 2074-1847;
3. Элчибекова, Б.И. Саодати инсон аз нигоҳи Фахриддини Розӣ [Матн] / Б.И. Элчибекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа. – Душанбе, 2024. № 5.- С.133-137. ISSN 2074-1847;
4. Элчибекова, Б.И. Табиат ва моҳияти инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ [Матн] / Б.И. Элчибекова // Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Ҷомеашиносӣ. - Душанбе.: ҶДММ "Аржанг", 2024, №2 (86).- С.314-321. ISSN 2075-9584.

**Ба автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Шарифзода И.У. тақриз мусбат буда, дар баробари ин қайд карда мешавад, ки а) оё Фахриддини Розӣ ягон асари бевосита ба масъалаи инсон навиштааст ё не, аз ҷониби муаллифи автореферати диссертатсия нишон дода нашудааст; б) дар масъалаи инсоншиносӣ саҳми Фахриддини Розӣ дар баробари дигар файласуф ва мутакаллимон равшан нишон дода нашудааст, то барои хонанда мавқеи ӯ ошкор гардад.

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи масоили фалсафаи дини ИФСҲ-и АМИТ Қурбоншоев И.Ҷ. Тақриз мусбат буда,

дар баробари ин ба диссертант тавсия дода мешавад, ки дар оянда таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розиро бо дигар мутафаккирон муқоиса намояд, зеро дар ҳолати муқоиса хулосаҳои беҳтар ба вуҷуд меояд;

- аз ҷониби н.и.ф., муаллими калони кафедраи диншиносии ДМТ Калонзода Ф.И. тақриз мусбат буда, дар баробари ин қайд карда мешавад, ки: а) оё дар ягон асари Фахриддини Розӣ масъалаи инсон аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ шудааст ё не, аз ҷониби муаллифи автореферати диссертатсия нишон дода нашудааст; б) дар масъалаи инсоншиносӣ саҳми Фахриддини Розӣ дар баробари дигар файласуф ва мутакаллимон равшан нишон дода нашудааст, то барои хонанда мавқеи ӯ ошкор гардад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ ва баррасии масъалаҳои антропологӣ, табиат ва моҳияти инсон, консепсияи инсони комил ҳамчун ҷузъҳои таркибии таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ маҳсуб меёбанд, коркард карда шудааст;

- дар раванди омӯзиши масъалаи мазкур методҳои таҳлилӣ, усулҳои умумии маърифати илмӣ, методҳои таърихӣ, таҳлили муқоисавӣ, гипотетикӣ, усулҳои мантиқӣ, дедуктивӣ ва индуктивӣ ва ғайра низ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

- тавсифу пешниҳодҳои Фахриддини Розӣ дар бораи инсон, моҳият ва табиати он, масъалаи саодат ва консепсияи инсони комил, ки дар матни диссертатсия ба таври муфассал таҳлилу исбот ва баррасӣ ёфтаанд, дар ҷомеаи имрӯза дорои аҳаммияти хосса мебошанд.

- **муҳим донистани** он ақидаҳое мебошад, ки зимни таҳқиқи мавзуъ аз нигоҳи антропологияи фалсафӣ баррасӣ гардида, дар доираи категорияҳои фалсафӣ ҳаллу фасл қарор шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки дар ҷараёни таҳияи диссертатсия муаллиф, асосан ба сарчашмаҳои таърихӣ, осори бевоситаи Фахриддини Розӣ, назари мутафаккирону донишмандони замони Фахриддини Розӣ, асарҳои таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни афкори каломӣ, ахлоқӣ, мантиқию фалсафӣ ва антропологии Фахриддини Розӣ таҳлилу муқоиса карда шудаанд, дар шакли монография, диссертатсия, мақолаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, таваҷҷуҳи хосса дода шудааст.

- баён шудани равиши ратсионалистии Фахриддини Розӣ дар бораи инсон ва каломи исломӣ тобиши ақлгароӣ додани ӯ, ҳамзамон аз мавқеи меъёрҳои фалсафӣ-мантиқӣ баррасӣ гардидани масъалаи инсон аз нигоҳи ин мутакаллими ақлгаро такони ҷиддие дар рушди минбаъдаи фалсафаи тоҷик дод.

- масъалаи инсоншиносии Фахриддини Розӣ ҳамчун ҷузъи таркибии таълимоти антропологии ӯ, табиат ва моҳияти инсон, ҳамчунин аз мавқеи ратсионализми динӣ баррасӣ шудани консепсияи инсони комил ва роҳҳои ба саодат расидани инсон ва ғайра ошкор гардиданд;

-бори нахуст дар таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқоти илмии моҳияти таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафии ӯ анҷом гарифтааст;

- проблемаҳои марказии пайдоиш ва моҳияти инсон дар контексти ҷаҳонбинии мутафаккир мушаххас гардидаанд;

- ҷанбаҳои муҳимми таълимоти антропологии мутафаккир нишон дода шудаанд;

- принсипҳои маънавӣ-ахлоқии таълимоти “инсони комил” дар муқоиса бо назарияи ҳаммонанди аҳли тасаввуф асоснок шудааст;

- баррасии илмии далелҳои Фахриддини Розӣ бар зидди фатализми Ғазолӣ ва бар ҳимояи аҳли фалсафа анҷом ёфтааст.

Ин ҷанбаҳои навгонии илмӣ аҳаммияти таҳқиқот ва мақоми онро дар таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ таъкид менамоянд.

- сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ, осори бевоситаи Фахриддини Розӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ омӯхта шуданд.

**Аҳаммияти назария ва амалии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** , чунин тасдиқ карда мешаванд:

**- муайян карда шуданд:** ҳудудҳо ва ояндаи истифодаи амалиявии диссертатсия дар истеҳсолот. Натиҷаҳои бадастомада, хулосаю тавсияҳои кори таҳқиқотӣ барои мутахассисони соҳаҳои таърихи фалсафа, антропология, ахлоқ ва зебоишиносӣ, сотсиология, психология, ҳамчунин дар раванди таълими курсҳои махсус ва воситаҳои таълимӣ барои ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, пешгирӣ аз тааассубу ифротгароии динӣ ва ғайра аҳамияти назариву амалӣ доранд.

**- созмон дода шуд**: амсилаи самаранокии истифодаи донишҳо, системаи тавсияҳои таҷрибавӣ ва ғ. Маводи кори таҳқиқотиро метавон барои таҳия намудани рисолаҳои илмии зинаҳои гуногуни таҳсилоти олӣ, диссертатсияҳо, китобҳои дарсӣ дар соҳаҳои гуногуни илмӣ, ташаккули худшиносии миллӣ ва дурӣ аз хурофоту догмаҳои динӣ истифода бурд.

- тавсияҳои методӣ ва дастур барои фаъолияти дараҷаи баланд муаррифӣ карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки он бо интихоби методҳои таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ, мутобиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин миқдори зарурии мавод, ки дар ҷараёни кор ҷамъоварӣ ва коркард шудаанд, тасдиқ мегардад. Манбаъҳои истифодашуда ба дурустӣ санҷида шудаанд ва ақидаҳои илмии пешниҳоднамудаи муҳаққиқ ва дар диссертатсия баёншуда тасдиқ гардидаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

- дар асоси таҳлили амалия, хулосаи таҷрибаи пешқадам ғояҳои зерин асоснок шудааст:

1) заминаҳои асосии ташаккули афкори Фахриддини Розӣ, вазъи сиёсӣ-ғоявии давр ва таъсири онҳо ба ҷаҳонбинии мутафаккир ва дар ин замина баҳсу ихтилофҳои ақидавии равияву ҷараёнҳои каломии мавҷудбуда, монанди ашъария, муътазила, мотуридия, карромия, исмоилия ва ғайра доир ба масъалаҳои гуногуни каломӣ, озодии ирода, нафсу руҳ, ақлу ваҳй, касб, ҳусну қубҳ ва ғайра баррасӣ гардида, таъсири онҳо дар ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ ва мавқеи ин мутафаккир дар баробари онҳо нишон дода шудааст;

2) Омӯзиш ва таҳқиқи осори Фахриддини Розӣ нишон медиҳад, ки мутафаккир масъалаи инсонро на танҳо дар доираи сарчашмаҳои исломӣ, балки зери таъсири таълимоти файласуфони Юнон ва асримиёнагии Шарқ баррасӣ намуда, тавонист ба калом бештар хусусияти фалсафӣ ва ратсионалӣ бахшад. Ҳатто Фахриддини Розӣ дар рушди каломи фалсафӣ, то ҳадде таъсир гузошт, ки мутакаллимони баъдӣ нисбати осори муҳаққиқони дигар ҳангоми омӯзиши осори мутакаллимону файласуфон фарқе байни ин ду (калому фалсафа) намегузоштанд ва дар симои калом фалсафаро медиданд;

3) Инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ ҳамчун мавҷуди олӣ, дорои маънавиёт, нутқ, забон, ахлоқ ва ғайра эътироф гардида, ҳамчун мавҷуди мураккаб арзёбӣ гардидааст, ки ин мураккабии ӯ дар хусусиятҳои моддӣ ва ҷисмонӣ, хусусиятҳои наботӣ, хусусиятҳои ҳайвонӣ ва инсонияш зоҳир мегардад. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур дар асарҳои «Тафсири кабир», «Ал-Бароҳин дар илми калом», «Рисолат-ун-нафс», «Ал-Арбаин фӣ усули дин», «Ҳифз-ул-бадан», «Китоб-ул-ахлоқ», «Ан-Нафс ва-р-руҳ» ва ғайра ошкор карда шудааст;

4) муаллифи диссертатсия табиат ва моҳияти инсонро дар таълимоти антропологияи Фахриддини Розӣ, махсусан масъалаи табиат

ва моҳияти инсонро зери хостаҳои нафсонии ӯ, мисли навъҳои лаззат: шаҳвонӣ, экстрасенсӣ, моддӣ-маънавӣ, ақлию ҳиссӣ ва ғайра таҳқиқ кардааст. Муаллиф масъалаи гедонизм ё худ лаззатгароиро ба хостаҳои нафсонии инсон алоқаманд дониста, таъсири омилҳои берунӣ ва дохиларо дар он муҳим арзёбӣ сохтааст. Ҳамчунин навъҳои лаззатро ба ақлонӣ, ҷисмонӣ ва маҳсус ҷудо карда, робитаю тафовут ва нақши онҳоро дар раванди саодати инсон баррасию муайян намудааст;

5) Зимни баррасии масъалаи лаззат Фахриддини Розӣ бартариро ба лаззатҳои ақлӣ дода, саодати инсонро асоси зиндагӣ медонад. Вале лаззатҳои ҳиссиро Фахриддини Розӣ вобастаи вақту ҳолат дониста, онҳоро дорои хусусиятҳои ба худ хос меҳисобад. Дар хусуси муваққатӣ будани лаззатҳои ҳиссӣ Фахриддин Розӣ чунин ақида дорад, ки муқоиса карданашон номумкин мебошад. Масалан, лаззати умури иҷтимоӣ ба таври куллӣ дар ҳоле ба вуҷуд омада, ҳосил мешаванд, ки ҳангоми бақою гузариш лаззате надоранд;

6) Консепсияи «Инсони комил» дар таълимоти антропологии Фахриддини Розӣ дар доираи ратсионализми динӣ баррасӣ гардида, дар ин ҷода Фахриддини Розӣ ба ҳайси як мутакаллими файласуфмашраб нишон дода мешавад. Ба камол расидани инсонро мутафаккир ба ду қисм: камол дар дунё ва камол дар охират ҷудо намуда, камоли дунёро ба се қисм: фалсафӣ, ахлоқӣ ва ирфонӣ ҷудо месозад, ки: 1) Камоли фалсафӣ дар навбати худ ба се қисм, 2) Камоли ахлоқиро бошад, дар дораи ду асл, 3) Камоли ирфонӣ.

- муқоисаи натиҷаҳои муаллиф ва натиҷаҳои ба дастомада бо далелҳо исбот шудаанд, Аввалан, таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аҳаммият ва таъсири он дар фазои маънавӣ ва баланд гаридани сатҳи маърифати ҷомеа, ташаккул додани ҷаҳонбинии насли наврас, пайравии кур – курона накардан аз дин, дарки табиат ва моҳияти ин баррасӣ гаридаанд. Фахриддини Розӣ хусусиятҳо

ва вижагиҳои инсонро ҳамчун мавҷуди антропобиосотсиогенезӣ баррасӣ карда, моҳияти асосии инсонро аз нигоҳи фалсафӣ ва каломӣ шарҳу баён кардааст, ки ин ҳама масъалагузорӣ ва саъю талошҳои мутафаккирро оид ба инсон метавон дар доираи посух ба суоли он ки "инсон кист?" муайян намуд;

Дуюм, дар таълимоти Фахриддини Розӣ масъалаи инсон зери таъсири таълимотҳои файласуфони атиқа ва асримиёнагӣ ташаккул ёфта, имкониятҳои номаҳдуди неруҳои инсонро ҳамчун мавҷуди моддию руҳонӣ ва ба камолрасида нишон медиҳад. Ҷойгоҳи инсон дар олам, робита ва муносибати ӯ ба Худо, маънои зиндагӣ масоиле ҳастанд, ки аз ҷониби мутафаккир возеҳу равшан ба миён гузошта шудаанд. Ҳамчунин инсон ҷузъи таркибии масъалаи ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дониста шуда, ӯ муайянкунандаи ченаки асосии олами ҳастӣ арзёбӣ гардидааст, яъне инсони ормонии Фахриддини Розӣ инсони ақлгаро ва дур аз ҳамагуна таассубу хурофоти динист;

Сеюм, дар маркази инсоншиносии Фахриддини Розӣ дарки озодии инсон, шарофат ва саодати ӯ дар олам қарор гирифта, ӯ инсонро ба ҳайси як мавҷуди олӣ ва дорои имкони тағйири қавлу амали хеш дар ҳаёт ва комёб шудан дастовардҳои илмӣ, камолоти маънавӣ ва дастёбии ӯ ба арзишҳои ахлоқӣ, ки ҳамагӣ ҷавобгӯй ба талаботҳои замони муосир мебошанд, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ҳарчанд муносибати воқеъбинонаи инсоншиносии Фахриддини Розӣ аз эътиқод ва афкори динии ӯ ҷудо нест, вале таълимоти ӯ ба таври пурра пойбанди назариёти динӣ қарор нагирифта, муносибати муросокоронаи ӯро дар нисбати дин ва фалсафа равшан дида мешавад, зеро дар меҳвари он инсон ва мақому ҷойгоҳи ӯ ба ҳайси як инсони озоду соҳибихтиёр бар хилофи назарияи ҷабри динӣ қарор гирифтааст.

- Натиҷаҳои таҳқиқот дар чор мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд, инъикос шудаанд.

- Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шотемур, ки ҳар сол (2019-2024) дар донишгоҳи мазкур гузаронида шудаанд, гузориш дода шудааст. Қисме аз онҳо дар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расиданд. Инчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ҳамоишҳо ва семинарҳои илмии зерин дар шакли маъруза истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки ӯ таҳқиқоти кори илмии худро ба таври мустақилона иҷро намудааст. Довталаб ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро мустақилона ва низомнок муайян намуда, маҷмӯи усулҳои таҳлили маводро бомақсадона истифода мебарад. Дар асоси такя намудан таълимот ва осори динӣ-фалсафии Фахриддини Розӣ, ҳамзамон асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои фалсафӣ, антропологӣ ва ахлоқии мутафаккир бахшида шудаанд, умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи масъалаи инсоншиносии Фахриддини Розӣ аз дигар файласуфону мутакаллимон таҳқиқ гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Инчунин, маводи интишоркардаи диссертант, маърузаву гузоришҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ салоҳияти касбии ӯро доир ба масъалаи баррасишаванда тасдиқ менамоянд.

Дар маҷлиси 28 августи соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Элчибекзода Баҳригул Идибекро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

тарафдорӣ намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро, 15 нафар тарафдор, муқобил-нест, бюллетенҳои беэътибор-нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ.**